*Бо қарори мушовараи ғайринавбатии*
*Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 7-уми феврали соли 2015, № 3/3 тасдиқ шудааст.*

# ТАРТИБИ

## баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (минбаъд – Тартиб) дар асоси Тартиб ва тарзи қабули имтиҳонҳои қабул барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда таҳия гардида, тартиби ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро муайян мекунад.

2. Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат барои довталабон аз рӯйи ихтисосҳое, ки тибқи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва талаботи қоидаҳои қабули донишҷӯён барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд – муассисаҳои таълимӣ) ба онҳо омодагии эҷодӣ ва маҳорати махсус талаб карда мешаванд, доир мегарданд. Мақсади асосии имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат санҷидани қобилиятҳои эҷодию малакаи махсуси довталабон ва имкониятҳои шахсии онҳо барои аз худ намудани ихтисосҳои дахлдор мебошад.

3. Рӯйхати ихтисосҳое, ки имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳоратро талаб менамоянд ва мазмуни имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат, аз ҷумла шакли баргузорӣ ва фанҳои имтиҳонии ихтисосҳои мазкурро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

4. Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро комиссияҳои имтиҳонӣ (фаннӣ)-и муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо аз рӯйи ихтисосҳои дахлдор таълим медиҳанд, пеш аз имтиҳонҳои қисми А (имтиҳони умумӣ) ва имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос) дар ҳамин муассисаҳо баргузор менамоянд.

5. Барои ташкилу баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бо фармоиши ректорон (директорон)-и муассисаҳои таълимӣ комиссияҳои имтиҳонӣ (фаннӣ) таъсис дода мешаванд.

6. Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат барои ҳар як ихтисос, новобаста аз теъдоди санҷиш, бо низоми 100-холӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

7. Холҳои аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бадастовардаи довталабон, новобаста аз ихтисосҳои дорои имтиҳонҳои эҷодию маҳорат ва муассисаҳои таълимӣ тавассути низоми 300-балӣ шкалабандӣ карда мешаванд.

8. Холи гузариш барои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ИМТИҲОНҲОИ ЭҶОДӢ ВА МАҲОРАТ

9. Муассисаҳои таълимие, ки ихтисосҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат талабмекарда доранд, қоидаҳои доир намудани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат, муҳлат, вақти оғоз ва анҷоми онҳо, қоидаҳои рафтори довталаб дар рафти имтиҳонҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба баргузории имтиҳонро муайян карда, то 10-уми ноябр ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Марказ) пешниҳод менамоянд.

10. Тамоми барномаҳои имтиҳонии ихтисосҳоеро, ки имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро талаб мекунанд, муассисаҳои таълимии дахлдор таҳия мекунанд. Онҳоро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд ва то 1-уми марти соли имтиҳонӣ дастраси довталабон гардонида мешавад.

11. Дар муассисаҳои таълимӣ барои ихтисосҳое, ки  имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро талаб менамоянд, то 1-уми июни соли имтиҳонӣ комиссияҳои имтиҳонӣ (фаннӣ)-и имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат таъсис дода мешавад.

12. Ҷадвали имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат (бо фарогирии номи ихтисос, фанни имтиҳон, рӯз, вақт ва макони баргузории машварат (консултатсия) ва имтиҳон) аз ҷониби раиси комиссияи қабули муассисаи таълимӣ тасдиқ мегардад ва бо нусхаи иҷозатнома (литсензия)-и муассисаи таълимӣ ва дигар маводи иттилоотии зарурӣ то 1-уми майи соли имтиҳонӣ ба Марказ пешниҳод карда мешавад.

13. Довталабон барои интихоби ихтисосҳо бо назардошти муассисаҳои таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил дар нуқтаҳои бақайдгирии Марказ тибқи талаботи муқаррагардида аз 1-уми март то 15-уми апрел ба қайд гирифта мешаванд. Ба довталабон "Варақаи бақайдгирӣ" дода мешавад, ки барои қабули ҳуҷҷатҳо ва супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ҳуҷҷати расмӣ ҳисоб меёбад.

14. Довталаб ихтисосҳоеро, ки супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро талаб менамоянд, танҳо аз як муассисаи таълимӣ интихоб карда метавонад.

15. Дар сурати якхела будани талаботи имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ба чанд ихтисоси як муассисаи таълимӣ довталаб метавонад аз ҳамин муассисаи таълимӣ якчанд ихтисосро интихоб намояд. Холҳои аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бадастовардаи довталаб барои ҳамаи ихтисосҳои дахлдори интихобкардааш эътибори баробар дорад.

16. Рӯйхати довталабонеро, ки имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро месупоранд, Марказ то 15-уми май дар шакли муқарраргардида ба муассисаҳои таълимӣ пешниҳод мекунад.

17. Довталабон бояд дар муҳлати дар даъватнома нишондодашуда ба муассисаҳои таълимии дахлдор ҳозир шуда, аз қайд гузаранд ва дар бораи имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат (имтиҳон (намуди санҷиш), рӯз, вақт ва макони баргузории имтиҳон) маълумот гиранд.

18. Комиссияҳои қабули муассисаҳои таълимӣ пас аз бақайдгирӣ ба довталабон барои иштирок дар имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат (бо нишон додани имтиҳон (намуди санҷиш), рӯз, вақт ва макони баргузории имтиҳон) бояд хабарнома диҳанд.

19. Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат дар муассисаи таълимии интихобкардаи довталаб тибқи ҷадвали бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашуда баргузор мешаванд.

20. Роҳ додани довталабон ба синфхона ё макони баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ва риояи талаботи ин Тартибро котиби масъули муассисаи таълимӣ ё ҷонишини ӯ, навбатдорони махсус, котибони техникӣ, ки барои баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат дар муассисаи таълимӣ масъул шудаанд, таъмин менамоянд.

21. Довталабон бояд дар муҳлати муқарраргардида барои супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ба муассисаҳои таълимии дахлдор ҳозир шуда, шиносномa ё ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, ки мақоми ваколатдори давлатӣ додааст, даъватнома ва варақаи бақайдгирии аз нуқтаи бақайдгирии Марказ гирифтаро пешниҳод намоянд.

22. Дар вақти имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ҳузури шахсони бегона дар синфхона, бо худ доштан ва истифода кардани воситаҳои алоқа ва техникаи ҳисоббарори электронӣ аз тарафи довталабон ва кормандони муассисаҳои таълимӣ, ки барои баргузории имтиҳонҳо ҷалб гардидаанд, манъ аст.

23. Дар рафти имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат довталаб бояд талабот ва қоидаҳои муқарраркардаи муассисаи таълимиро риоя ва дастурҳои имтиҳонгирандагонро иҷро намояд.

24. Баъд аз оғоз шудани имтиҳони эҷодӣ ва маҳорат ба довталаб мавод ё супориши имтиҳонии дахлдор пешниҳод карда мешавад ва ба ӯ раванди имтиҳон, аз ҷумла, талабот барои иҷрои кори имтиҳонӣ, вақти оғоз ва анҷоми имтиҳон, вақт ва ҷойи эълони натиҷаҳои имтиҳонҳо, тартиби апеллятсия ва ғайра шарҳ дода мешавад.

25. Дар сурати бо сабаби узрнок дер кардан ё ҳозир нашудани довталаб ба имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат, ба ӯ барои супоридани имтиҳонҳо дар даври иловагии имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат, ки барои довталабони ҳангоми бақайдгирии иловагӣ азқайдгузашта пешбинӣ гардидааст, иҷозат дода мешавад. Марказ дар асоси ариза ва ҳуҷҷат(ҳо)-и тасдиқкунандаи сабаби узрнок, ки довталаб пешниҳод кардааст, ба ӯ иҷозат медиҳад.

26. Дар вақти баргузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат довталабон бояд талаботи зеринро риоя намоянд:

- риоя кардани оромӣ, мустақилона кор кардан ва бо имтиҳонгирандагону довталабон гуфтугӯ накардан;
- дар синфхона гаштугузор накардан ва ба ҷойи дигар нанишастан;
- бе иҷозати имтиҳонгиранда пеш аз анҷоми вақти имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат аз синфхона берун набаромадан.

27. Барои вайрон кардани ин қоидаҳо имтиҳонгиранда ҳуқуқ дорад, ки дар бораи хориҷ кардани довталаб аз имтиҳон (синфхона) санад тартиб дода, довталабро аз имтиҳон (синфхона) хориҷ намояд. Дар чунин ҳолатҳо сабаби аз имтиҳон (синфхона) хориҷ кардани довталаб муфассал шарҳ дода шуда, дар санад имтиҳонгиранда(ҳо) ва аъзои комиссияи имтиҳонӣ (фаннӣ)-и муассисаи таълимӣ имзо мегузоранд ва довталаби дахлдорро бо он шинос менамоянд. Кори довталабе, ки бинобар вайрон кардани қоида ва тартиби муқарраргардидаи имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат аз имтиҳон (синфхона) хориҷ карда шудааст, аз эътибор соқит дониста мешавад.

28. Ҳолатҳои зерин ҳамчун сабаби узрнок барои иҷозат додан ба даври иловагии имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ба инобат гирифта мешаванд:

а) бемории довталаб (бо пешниҳоди маълумотнома дар бораи беморӣ, ки муассисаи тиббӣ дода, бо муҳр тасдиқ кардааст);

б) ҳолати фавқулода ва инчунин садамаи нақлиётӣ (бо пешниҳоди маълумотнома дар бораи ҳолати фавқулода ё садамаи нақлиётӣ, ки аз тарафи мақом ё муассисаи ваколатдори давлатии ҳодисаи мазкурро бақайдгирифта дода шудааст);

в) фавти наздикон (волидайн, ҳамсар, фарзанд, бародар, хоҳар, бобо, бибӣ ва ғайра бо пешниҳоди маълумотнома дар бораи фавти наздикон аз ҷамоати деҳот).

г) иштирок дар:

- олимпиадаҳои фаннии байналмилалӣ,
- мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ,
- озмунҳои байналмилалии соҳаи санъату фарҳанг,

ки дар хориҷи кишвар баргузор гардидаанд.

29. Довталабоне, ки ба имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бе сабаби узрнок ҳозир нашудаанд, барои супоридани имтиҳонҳо дар даври иловагии имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат роҳ дода намешаванд.

30. Такроран ё аз нав супоридани имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат иҷозат дода намешавад.

31. Санҷишу баҳогузории имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат тибқи тартиби муқаррарнамудаи муассисаҳои таълимӣ дар муассисаи таълимии дахлдор анҷом дода мешавад.

32. Кор ва амалҳоеро, ки довталабон дар имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат анҷом медиҳанд, танҳо аъзои комиссияи имтиҳонӣ (фаннӣ)-и муассисаи таълимӣ санҷида баҳогузорӣ менамоянд.

33. Санҷишу баҳогузории ҷамъбастии кор ва амалҳои довталабон дар доираи имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бо истифода аз шакл (рӯйхат)-и пешниҳоднамудаи Марказ ва протоколи комиссияи имтиҳонӣ (фаннӣ)-и муассисаҳои таълимӣ ба расмият даровarда мешавад.

34. Натиҷаҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат аз тарафи комиссияҳои қабули муассисаҳои таълимии дахлдор дар давоми на дертар аз 1 рӯз баъди баргузории имтиҳонҳо эълон карда мешаванд.

35. Бо мақсади таъмини риояи талабот ва ҳалли масъалаҳои баҳсталаб ҳангоми баҳогузории кор ва амалҳои довталабон дар доираи имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат, ҳимояи ҳуқуқи довталабоне, ки имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро месупоранд, дар давраи баргузории имтиҳонҳои мазкур дар ҳар як муассисаи таълимӣ комиссияи апеллятсионӣ таъсис дода мешавад.

Комиссияҳои апеллятсионӣ барои баррасии аризаҳои довталабоне, ки бо натиҷаҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат норозиянд, таъсис дода мешаванд. Раис ва ҳайати комиссияи апеллятсионӣ бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешаванд.

36. Довталаби норозӣ аз натиҷаи имтиҳони эҷодӣ ё маҳорат аризаи худро, ки бо далелҳои мушаххас асоснок карда шудааст, ба номи раиси комиссияи апеллятсионӣ дар давоми рӯзи эълони натиҷаҳои имтиҳонҳо шахсан пешниҳод менамояд.

37. Аризаи апелятсионии довталаб оид ба норозӣ будан аз натиҷаи имтиҳони эҷодӣ ё маҳорат аз тарафи комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимии дахлдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи муассисаи таълимӣ дар давоми як рӯз баррасӣ мешавад.

38. Комиссияи апеллятсионӣ бо ҳар як довталабе, ки ариза пешниҳод кардааст, ба тартиби инфиродӣ кор мекунад. Дар сурати ҳозир нашудани довталаб ба ҷаласаи комиссияи апеллятсионӣ ё асоснок набудани ариза аризаи ӯ баррасӣ карда намешавад.

39. Қарори комиссияи апеллятсионӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи муассисаи таълимӣ вобаста ба аризаҳои апеллятсионӣ қабул карда мешавад. Кори комиссияи апеллятсионӣ бо протоколе, ки раис ва ҳамаи аъзои комиссияи апеллятсионӣ имзо менамоянд, ба расмият дароварда мешавад.

40. Муассисаҳои таълимӣ натиҷаҳои ниҳоии имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро пас аз анҷоми имтиҳонҳо дар мухлати муайяншуда тибқи шакли муқарраргардида ба Марказ пешниҳод менамоянд.

## 3. ИШТИРОКИ ДОВТАЛАБОН ВА НАТИҶАГИРӢ АЗ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ

41. Довталабон тибқи нишондодҳои “Даъватнома”-и аз тарафи Марказ додашуда имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавиро месупоранд.

42. Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

43. Натиҷаҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат шкалабандӣ шуда, танҳо барои ихтисосҳои дахлдор ба ҳисоб гирифта мешаванд.

44. Довталабоне, ки танҳо ихтисосҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратдоштаро интихоб менамоянд, имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ва танҳо имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ)-ро месупоранд ва аз супоридани имтиҳонҳои қисми Б (имтиҳони ихтисос) озоданд.

Довталаб дар баробари ихтисосҳое, ки имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро талаб мекунанд, метавонад дигар ихтисосҳоеро интихоб намояд, ки чунин имтиҳонҳоро талаб намекунанд. Дар ин сурат, вобаста ба дигар ихтисосҳои интихобкарда довталаб бояд дар баробари имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ва имтиҳони умумии қисми А (имтиҳони умумӣ), инчунин имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос)-ро низ супорад. Ҳангоми озмуни тақсимот натиҷаи аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат бадастовардаи довталаб танҳо дар ихтисосҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратдошта ба натиҷаи аз имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) соҳибшудааш илова карда мешавад. Дар ихтисосҳое, ки имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро талаб намекунанд, танҳо натиҷаҳои имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) ва имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос) ба назар гирифта мешаванд.

45. Довталабоне, ки аз имтиҳонҳои эҷодию маҳорат ё як ё якчанд субтести имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) хол(ҳо)-и гузаришро соҳиб намегарданд, ба озмуни тақсимот аз рӯйи ихтисосҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратдошта роҳ дода намешаванд. Агар довталаб дар баробари ихтисосҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратдошта дигар ихтисосҳоро, ки чунин имтиҳонҳоро талаб намекунанд, низ интихоб карда бошад, тартиби роҳ ёфтани ӯ ба озмуни тақсимот аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардааш чунин аст:

- дар сурати ба даст овардани холҳои гузариш аз ҳамаи субтестҳои имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) ва имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос) ва имтиҳони эҷодӣ ва маҳорат довталаб ба озмуни тақсимот аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳои интихобкардааш роҳ дода мешавад;
- дар сурати ба даст овардани холҳои гузариш аз ҳамаи субтестҳои имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) ва имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос) ва соҳиб нагардидани холи гузариш аз имтиҳони эҷодӣ ва маҳорат довталаб ба озмуни тақсимот танҳо аз рӯйи он ихтисосҳои интихобкардааш роҳ дода мешавад, ки имтиҳони эҷодӣ ва маҳоратро талаб намекунанд;
- дар сурати ба даст овардани холҳои гузариш аз имтиҳони эҷодӣ ва маҳорат ва субтестҳои танҳо имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) довталаб ба озмуни тақсимот танҳо аз рӯйи он ихтисосҳои интихобкардааш роҳ дода мешавад, ки имтиҳони эҷодӣ ва маҳоратро талаб мекунанд;
- дар сурати ба даст наовардани хол(ҳо)-и гузариш аз як ё якчанд субтестҳои имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) довталаб ба озмуни тақсимот аз рӯйи ҳеҷ яке аз ихтисосҳои интихобкардааш роҳ дода намешавад.

46. Довталабон дар асоси натиҷаҳои аз имтиҳонҳо бадастоварда вобаста ба нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида тақсим карда мешаванд.

47. Рӯйхати довталабони аз озмун гузаштаро Марказ тасдиқ намуда, аз 8-уми августи соли имтиҳонӣ ба муассисаҳои таълимӣ пешниҳод мекунад.

48. Муассисаҳои таълимӣ тибқи тартиб ва қоидаҳои муқарраргардида донишҷӯёнро дар асоси рӯйхатҳои пешниҳодкардаи Марказ бо фармоиши ректор (директор) ба курси якум қабул менамоянд.